## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи "Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

Ҳифзи марзу бум ва таъмини амнияти ҷомеа ва давлат дар дарозои таърих ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ҷавонмардони бо нангу номус ва масъулиятпазиру арзишшинос будааст. Ҷиҳати батанзимдарории ин масъулият ва омодабошии пайвастаи ҳимоятгарони марзу бум дар ҳар давру замон роҳкорҳое гирифта мешуданд, ки аз шинохтатарин ва роиҷтарини он ҷалби мардон ба хизмати ҳарбӣ ба шумор меравад.

Уҳдадории ҳарбӣ, ки ҷузъи ҳифзи ватан маҳсуб меёбад, аз меъёрҳои Конститутсия сарчашма гирифта, ба ҷузъ аз уҳдадории шаҳвандӣ марбут ба дифои кишвари худ, ҳамчунин фарогири маҷмуи андешаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ мебошад. Зимнан, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии падидаи мазкур аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои асосии илми ҳуқуқшиносии тоҷик ба шумор меравад. Бо назардошти аҳаммияти илмӣ мавзуи рисолаи Муминзода Маҳмадшариф Нозим таҳти унвони "Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ" мубрам маҳсуб ёфта, саҳифаи нави пажуҳиширо дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик роҷеъ ба таҳқиқи масоилҳои уҳдадрии ҳарбӣ оғоз намудааст.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Солҳои охир дар натиҷаи торафт густариш пайдо кардани фаъолияти гуруҳу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ вазъи ҷаҳон ба дараҷае ҳассосу печида ва мураккабу пешгӯинашаванда гардидааст, ки

ягон кишвар кафолати эмин мондану дар канор будан аз ин раванди хатарнокро надорад». Дар чунин шароит мавҷудияти Қувваҳои Мусаллаҳ, ки муҳимтарин рукнҳои давлатдорӣ ба шумор меравад, ба ҳайси кафили боэътимоди миллат ва давлат дар ростои хатарҳои дохилию хориҷӣ унвон мешавад.

Хушбахтона, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир имконият ва қудрати ҳифзи марзу буми Ватанро аз ҳар гуна хатарҳо дошта, оромиву осудагӣ ва амнияти мардумро таъмин месозанд. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон Кувваҳои Мусаллаҳ маҳз бо ташаббус ва пайгирии бевоситаи Пешвои муаззами миллат таъсис ёфта, дар як муддати кутоҳ ба неруи тавоно ва қудратманд табдил ёфт: «Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз оғози замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо ва бо дарназардошти вазъи мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир ҳамаи тадбирҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва иқтидори мудофиавии мамлакат амалӣ карда истодааст».

Дар илми муосири ҳуқуқшиносии ватанӣ уҳдадориҳои конститутсионии шахс, дар маҷмуъ ва ҳам дар алоҳидагӣ, мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти махсус роҷеъ ба уҳдадории ҳарбӣ бахшидашуда, ки масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқиро бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ фарогир бошад, анҷом наёфтааст.

Қобили зикр аст, ки айни замон, механизмҳои таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар дар бархе аз дажвлатҳо дар таҳаввулот қарор дорад. Тамоюли ҷаҳонии қатъи даъвати ҳарбӣ дар замони осоишта, ки бо тағйироти ҷомеаи муосир алоқамандӣ дорад, мушкилоти демографӣ ва афзоиши зарари иқтисодӣ аз даъвати шаҳрвандони соҳибихтисос дар кишварҳои пешрафта, таҳкими аҳаммияти арзишҳои умумиинсонӣ, ҳуқуқ

ва озодиҳои инсон, маҳкум намудани милитаризм, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилоти сиёсии истифодаи даъватшавандагон дар муноқишаҳои ҳарбӣ, мушкилоти техникаи ҳарбӣ ва ихтисосҳои ҳарбӣ ва хусусияти муноқишаҳои ҳарбӣ дастгирии дахлдори ҳуқуқӣ ва асоснокии консептуалиро талаб мекунад.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии падидаи уҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, ҷиҳати тақвият бахшидан ва рушди танзими ҳуқуқии ин падида мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи илмии Муминзода М.Н. дар ҳаҷми 180 саҳифа омода гашта, муҳтавои он аз муқаддима, ду боб, хулосаву тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Диссертант муқаддимаи диссертатсияро мувофиқи талабот омода карда, дар он муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, усулҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва сохтори диссертатсияро қайд намудааст.

Боби аввали диссертатсия “Ташаккули назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ” ном дошта, фарогири 3 зербоб мебошад, ки дар он диссертант ба масъалаҳои назариявӣ ва таърихии падидаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, робитаи уҳдадории ҳарбиро бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст.

Боби дуввум “Ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, масаъалаҳои амалишавӣ ва муқоисавии уҳдадории ҳарбӣ” номгузорӣ шуда, он аз 4 зербоб иборат мебошад. Меҳвари асосии ин бобро баррасии чигунагии амалишавии ӯҳдадории ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавии ин падида ҳамчун масъулияти шаҳрвандӣ-инсонӣ дар як қатор кишварҳо ва робитаи мутақобилаи ватандӯстӣ бо уҳдадории ҳарбӣ ташкил медиҳад.

Рисоланавис дар қисмати хулоса натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаро

баён намуда, ҳамчунин оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои ба дастомада тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст.

Навгонии диссертатсияи пешниҳодгардида дар он зоҳир меёбад, ки падидаи уҳдадории ҳарбӣ бори аввал аз ҷиҳати таърихӣ, назариявӣ ва ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс бо кишварҳои хориҷӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта шудааст. Диссертант талош кардааст, ки дар баробари таҳлили андешаҳои донишмандони ватанӣ ба тамоюлҳои нави доктринаи ҳуқуқӣ, ки дар нашрияҳои хориҷӣ инъикос шудаанд, баҳо дода, пешниҳодҳои арзишманди илмиро барои омӯзиши минбаъдаи ин мавзуъ пешниҳод намояд.

Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя манзур шудаанд, мақолаҳои илмии ба нашр расида ва маърузаҳои дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ баён гардида, саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ муаллифона буда, аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Муминзода М.Н. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ

мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Муминзода Маҳмадшариф Нозим дар мавзуи “Масъалаҳои назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии уҳдадории ҳарбӣ” ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи назария
ва таърихи давлат ва ҳуқуқи
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
узви вобастаи АМИТ — Насриддинзода Э.С.

Имзои Э.С. Насриддинзодаро
тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

13.03.2024